# СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ ХУҶАСТА БОД!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 12 (192) 29-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2023, ҶУМЪА




Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад.

Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст.

Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо низ аз ҷумлаи корҳои муҳим мебошад ва бояд дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд.

Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШУРОИ ОЛИМОН ДАР ФАКУЛТЕТ

Санаи 23-уми декабри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид. Декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. оид ба фаъолияти факултети ҳуқушиносӣ дар соли 2023 ҳисоботи муфассал пешниҳод намуда, вазифаҳоро барои соли 2024 муқаррар намуданд. Мавсуф иброз доштанд, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун воҳиди сохтории донишгоҳ аз бонуфузтарин ва маъруфтарин марказҳои омода кардани мутахассисони варзида ва кадрҳои лаёқатманди





илму амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми пешоҳанг ва арзандаро соҳиб аст. Таъкид гардид, ки хизматҳои профессорону омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад дар самти тарбияи мутахассисони варзидаи ҳуқуқшинос, дар анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ ва арзишманд, иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоии Ватани маҳбубамон беназиранд.

# ХУШХАБАР

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, онҳо пайваста бо унвонҳову дастовардҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд ва ба ин васила хазинаи илмии мамлакатро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр санаи 23-юми декабри соли 2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Камолов Хуршедулло дар рисолаи номзадии худро дар мавзуи " Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯёни ва идораи рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" Камолов Х.-ро ба ин дастовардаш аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба ӯ рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбари илми тоҷик таманно менамояд.



# ҲАМКОРӢ БО ПАДАРУ МОДАРИ ДОНИШҶӮЁН ОМИЛИ АСОСИИ УСТУВОР ГАРДИДАНИ САМТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ

Таърихи 16-уми декабри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи волидайни донишҷӯёни курсҳои сеюм баргузор гардид. Мақсад аз баргузории ҷаласаҳои волидайн ин пеш аз ҳама ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва таҳкиму тақвият бахшидан ба раванди таълиму тарбия махсуб ёфта, ба манфиати тарафайн нигаронида мешавад. Дар кори ҷаласа декани факултети ҳуқуқшиносӣ н.и.ҳ., дотсент Мирзозода П.З., мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ н.и.ҳ., дотсент Саидов Ҳ., муовини аввали декан оид ба таълим Кабутов Э.Д, муовинон Қурбонов Қ.Б., Буриев А., Каримов Д. ва сарпарастони гурӯҳҳои академӣ иштирок намуданд.



Зимни суханрониҳо декани факултет нахуст ба падару модароне, ки дар ҷаласа иштирок намуданд изҳори қаноатмандӣ намуд. Ҳамзамон таъкид дошт, ки раванди ҳамкориҳои волидайн бо факултет бояд мустаҳкам гардида, пайваста ҷараён дошта бошанд. Дар фарҷоми ҷаласа падару модарони донишҷӯён суханронӣ намуда минатдории хешро ба роҳбарияти донишгоҳ ва садорати факултет барои тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо волидайни донишҷӯён расониданд.

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Таҳти ин унвон санаи 9-уми декабри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон, 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 75-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди батасвибрасии Конвенсия оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир карда шуд.

Конференсияро декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. бо сухани ифтитоҳӣ оғоз бахшида, аҳли нишастро бо ҷашнҳои фархундаи Рӯзи ҳуқуқи инсон, 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 75-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди батасвибрасии Конвенсия оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак табрик карда, таъкид намуданд, ки ин гуна конференсияҳои байналмилалии илмӣ дар пешбурди заминаи қонунгузории кишвар аҳаммияти амиқи илмӣ дошта, ба арҷ гузоштан ва эҳтирому эътирофи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст.





Дар қисмати пленарии конференсия зиёда аз 21 маърӯза дар мавзуҳои гуногуни ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Конференсия кори худро дар 6 бахш ба роҳ монда, дар онҳо зиёда аз 116 маърӯза бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли бевосита ва ғоибона пешниҳод гардиданд.

Дар фарҷоми конференсияи байналмилалӣ иштирокчиён қатънома қабул намуданд. Таъкид гардид, ки таклифу пешниҳодҳо ва натиҷаҳои конференсия барои такмили қонунгузорӣ ва рушди низоми ҳуқуқии кишвар ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастрас карда мешаванд.

Изҳори умед карда шуд, ки конференсияи мазкур дар баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии мутахассисони соҳа, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва таҳкими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муассири худро хоҳад гузошт.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Миралӣ СОБИРОВ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.** муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, МЕЪЁРҲО ВА ПРИНСИПҲОИ УМУМИЭЪТИРОФШУДАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: НАЗАРИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ

Яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯз дар чараёни омӯзиши равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар илми ҳуқуқшиносии кишвар мавриди баррасӣ қарор мегирад, ин масъалаи пазироии санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар ва равобити масъалаи мазкур бо эътирофи меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мутаассифона, дар адабиёти ҳуқуқии ватании муосир масъалаи мазкур ба таври мухталиф баҳо дода мешавад, ки моҳияти масъаларо коста мегардонад ва асоси ба миён омадани баҳсу мунозираҳои гуногун мегардад. Зеро, “пешниҳодҳо”-и гуногуни вобаста ба масъалаҳои дарҷгардида баёншуда, як қатор қоидаҳои эътирофшудаи илми ҳуқуқи байналмилалиро ба назар намегиранд ва дар натиҷа “хулосаҳое” дарҷ карда мешаванд, ки қобили қабул набуда, то андозае барои рушди илми ҳуқуқии муосир дар кишвар монеа эҷод менамоянд.

Бо ин назардошт, мехостем оид ба масъалаи баррасишаванда як қатор муқаррароте, ки дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ҷой доранд ва исботи худро ёфта, чун қоидаи умумӣ ва мавриди баҳс қарорнадошта (аксиома) эътироф шудаанд, ба диққати хонандагони гиромӣ пешниҳод намоем.

1. Ҳуқуқи байналмилалӣ – чун низоми мустақили ҳуқуқӣ.

Қобили зикр аст, ки дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ дар замони муосир ду низоми мустақили ҳуқуқӣ – ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ пазируфта мешаванд.

Низомҳои ҳуқуқии мазкур дорои хусусиятҳои гуногуни худ буда, новобаста аз мустақил эътироф шудан, ба ҳамдигар равобити ногусастанӣ доранд ва ҳамеша пурракунанда якдигар мебошанд. Новобаста аз ин, ин низомҳои ҳуқуқӣ, чун предмети омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ, дорои объекти худ мебошанд. Бо ибораи дигар, дар ҷараёни омӯзиши низомҳои ҳуқуқии мазкур, илми ҳуқуқшиносӣ як қатор масъалаҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор медиҳад. Аз ҷумла, дар ҷараёни омӯзиши низоми ҳуқуқи байналмилалӣ масъалаҳои танзими муносибатҳои байналмилалӣ, ки ҳамеша хусусияти сиёсӣ доранд; хусусиятҳои сарчашмаҳои низоми мазкур; масъалаҳои равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ ва масъалаҳои дигар вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи низоми ҳуқуқи мазкур мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода мешаванд.

Низоми мустақили ҳуқуқӣ эътироф шудани ҳуқуқи байналмилалӣ, ки худ маҳсули ҳамкории давлатҳо мебошад, масоили равобити ин низомро бо низоми ҳуқуқи миллии ин давлатҳо – созмондиҳандагони ҳуқуқи байналмилалӣ, ба миён гузошта, онро бо назардошти хусусияти илмӣ-назариявии хоси худ баррасӣ менамояд. Бинобар ин, масъалаи равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ ин масъалаи назариявӣ ва амалиявии илми ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

2. Равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ – предмети омӯзиши илми ҳуқуқи байналмилалӣ.

Чӣ гуна дарҷ намудем, масъалаҳое, ки аз равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ бармеоянд, предмети танзими ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Зеро, маҳз илми ҳуқуқи байналмилалӣ чун илме, ки тамоми хусусиятҳо, қонуниятҳо ва равандҳои ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқи байналмилалиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, қоидаҳои умумиеро муқаррар ва мушаххас менамояд, ки онҳо ба сифати асосҳои роҳбарикунанда ва ғояҳои калидӣ дар раванди омӯзиши равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ бояд мавриди истифода қарор дода шаванд. Ба назар нагирифтани ин асосҳои роҳбарикунанда ва ғояҳои калидӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавии ҳуқуқи миллӣ ба як қатор хулосаҳои илмии баҳснок оварда мерасонанд.

Аммо, дар ин васила бояд дарҷ кард, ки масъалаи равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ ин на танҳо предмети омӯзиши илми ҳуқуқи байналмилалӣ, балки дар илми назарияи ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ ин масъала низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешаванд ва бояд чунин ҳам бошад. Зеро, ҳам низоми ҳуқуқи миллӣ, дар маҷмуъ, ва ҳам соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ дорои хусусиятҳои умумӣ ва хосе мебошанд, ки ба ҷараёни баррасии масъалаи равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ таъсири худро мерасонанд. Вале, ин маънои онро надорад, ки ҳангоми баррасӣ ва омӯзиши масъалаҳои дарҷгардида аз диди низоми ҳуқуқи миллӣ асосҳои роҳбарикунанда ва ғояҳои калидии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, ки вобаста ба ин масъала дарҷ карда шудаанд, мадди назар карда шаванд.

Яке аз чунин асосҳои роҳбарикунанда ва ғояҳои калидӣ ин аз моҳият, мазмун ва хусусиятҳои фарққунандаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд.

3. Меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ – чун маҳаки асоси низоми ҳуқуқи байналмилалӣ.

Ҳуқуқи байналмилалӣ чун низоми мустақили ҳуқуқӣ аз маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳое иборат мебошад, ки онҳо дар маҷмуъ институтҳо (падидаҳо) ва соҳаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалиро ташкил намуда, баҳри танзими муносибатҳои байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Дар ин қатор, дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ унсури асосиро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил намуда, онҳо ба сифати заминаи асосӣ ва бунёдии дигар унсурҳои низоми ҳуқуқи байналмилалӣ баромад менамоянд.

Дар байни ин меъёрҳо мавқеи хосаро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки хусусияти императивӣ доранд (меъёрҳои императивӣ) доро мебошанд. Моҳияти меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ онҳоро ба ҳайси меъёрҳои jus cogens эътироф менамоянд, дар он мебошад, ки тамоми субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла давлатҳо, уҳдадор мебошанд, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ, новобаста аз ягон ҳолат, риоя ва муқаррароти онҳоро иҷро намоянд.

Дар байни ин меъёрҳои императивӣ принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд, ки онҳо ба сифати меъёрҳои иҷроишашон ҳатмӣ эътироф карда шуда, бинобар сабаби ба тамоми субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти ҳатмиро пайдо намудан, онҳоро принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ меноманд.

Ба сифати чунин принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ принсипи баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо; принсипи ҳамкории давлатҳо; принсипи риоя ва эҳтироми ҳуқуқи инсон; принсипи истифода накардани қувва ва таҳдид бо қувва дар муносибатҳои байналмилалӣ; принсипи ба таври осоишта ҳал намудани баҳсҳои байналмилалӣ; принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлат; принсипи вайрон накардани сарҳади давлатӣ ва чанде дигар принсипҳо баромад мекунанд.



**Фирӯз СУЛАЙМОНОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

4. Меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ – маҳсули низоми ҳуқуқи байналмилалӣ.

Меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, чи гуна дарҷ кардем, ба сифати асоси бунёдии низоми ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуда, онҳо баҳри танзими муносибатҳое, ки ба сифати предмети низоми мазкур эътироф карда шудаанд, равона карда мешаванд. Аз ин сабаб, онҳо бо назардошти хусусиятҳои ин муносибатҳо, вазъи ҳуқуқии иштирокдорони ин муносибатҳо ва дигар хусусиятҳои низоми ҳуқуқи байналмилалӣ таҳия ва муқаррар карда шуда, бо ин хусусият аз меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқи миллӣ, ки баҳри танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ равона карда шудаанд, фарқ менамоянд.

5. Категорияи “санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ” ҳаммаънои категорияи “шартномаҳои байналмилалӣ”.

Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи “санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ” мавриди истифода қарор мегирад, ки он сарчашмаи худро аз муқаррароти қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегирад.

Қобили зикр аст, ки категорияи мазкур хоси низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ асосан чун категорияи умумӣ ва баробармаънои он - категорияи “сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ” истифода мешавад, ки асоситарини он шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд.

Вобаста ба ин, муҳтавои муқаррароти қисми 3-и моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он оид ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда сухан меравад, шартномаҳои байналмилалиро дар назар дорад, зеро маҳз онҳо аз ҷониби давлат метавонанд эътироф карда шаванд. Танҳо пас аз эътирофнамоӣ ин шартномаҳои байналмилалӣ ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии миллиро ташкил хоҳад намуд.

6. Муқаррароти қисми 3 моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассумгари принсипи ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлат мебошад.

Умуман, ба муқаррароти қисми 3 моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ҳам аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳуқуқи миллӣ баҳо дод.

Аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррароти қисми 3 моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун таҷассумгар ва баёнгари яке аз принсипҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ – принсипи ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошад. Аз нигоҳи ҳуқуқи миллӣ бошад, муқаррароти мазкур заминаи асосиро барои мушаххас намудани мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, дар байни дигар унсурҳои низоми ҳуқуқии кишвар фароҳам меоварад.

7. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ набояд санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, чи гуна қайд гардид, ба сифати маҳсули низоми ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуда, эътирофи он ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ баҳснок мебошад. Зеро, ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ на худи санади ҳуқуқии байналмилалӣ, балки санаде, ки дар он иродаи давлат оид ба эътирофи ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ таҷассум шудааст, эътироф карда мешавад. Мутаассифона, ин ҳолат дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ба назар гирифта нашудааст, ки маҳз ин ҳолат асоси ба миён омадани гуногунандешиҳо оид ба мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштааст.

7. Нигоҳи соҳавӣ-ҳуқуқӣ ба масъалаҳои равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ.

Дарҷ гардид, ки масъалаҳои равобити низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ предмети омӯзиши соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ки чун яке аз унсурҳои асосии низоми ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, низ баромад менамоянд. Аммо, чи гуна дарҷ гардид, нигоҳи соҳавӣ-ҳуқуқӣ ба масоили равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ бояд бо назардошти қоидаҳои роҳбарикунанда ва ғояҳои калидие, ки дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин мавзуъ дарҷ карда шудаанд, баррасӣ карда шаванд. Инчунин, бояд дар назар дошт, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои мазкур хусусиятҳои асосии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба назар гирифта шаванд, зеро ин ё он масъала дар як соҳаи ҳуқуқ ба як тарз, дар дигар соҳаи ҳуқуқ - ба тарзи дигар метавонад арзёбӣ карда шавад. Масалан, дар ҷараёни танзими муносибатҳои молумулкӣ муқаррароти ин ё он санади ҳуқуқии байналмилалӣ, ки онро давлат эътироф намудааст, новобаста аз он, ки дар қонунгузории маданӣ муқаррароти ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ дарҷ карда шудааст ё не, метавонад бо дастрасиии бевосита ба ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ карда шаванд. Лекин, чунин қоидаро нисбат ба танзими муносибатҳо оид ба муқаррар намудани ин ё он таркиби ҷиноят гуфтан мумкин нест. Зеро, таркиби ҷиноятро танҳо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Вале, аз дигар паҳлу, ин гуна хулоса аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ низ баҳснок мебошад, зеро тибқи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ меъёрҳои қонунгузории миллӣ барои иҷро накардани уҳдадории байналмилалӣ асос шуда наметавонанд (м.27-и Конвенсияи Венагӣ оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ).

Дар хотима ҳаминро қайд намуданӣ ҳастем, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ дорои моҳият, мазмун ва хусусияти худ буда, онҳо ба сифати маҳсули низоми ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф карда шуда, дар ҳуқуқи миллӣ онҳо бо назардошти хусусиятҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии онҳо бояд шарҳ дода шаванд.

# ҲИСОБОТИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории донишгоҳ аз бонуфузтарин ва маъруфтарин марказҳои омода кардани мутахассисони варзида ва кадрҳои лаёқатманди илму амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми пешоҳанг ва арзандаро соҳиб аст. Хизматҳои профессорону омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад дар самти тарбияи мутахассисони варзидаи ҳуқуқшинос, дар анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ ва арзишманд, иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоии Ватани маҳбубамон беназиранд. Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави рушдро тай намуда, дар тамоми самтҳои афзалиятноки ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет дигаргуниҳои бузургеро пушти сар намуд. Дар давраи ҳисоботӣ устодону кормандони масъулиятшиноси ин боргоҳи илму хирад дар заминаи татбиқи сиёсати хирадмандона, бобарор ва ҳадафмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои ҳаёти таълимӣ, илмӣ, байналмилалӣ ва тарбиявии факултет ба дастовардҳои беназир комёб шудаанд.

### Дастовардҳои беназири факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2023 чунин аст:

1. Таърихи 30-юми январи соли 2023 барои ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллӣ рӯзи хотирмону таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин рӯз бо дастгирии ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. дар факултет ифтитоҳи ду синфхонаи таълимӣ-тарбиявӣ: синфхонаи Ташкилоти ҷамъиятии “Созандагони Ватан”, ҳамзамон, Иттифоқи касабаи факултет ва синфхонаи Клиникаи ҳуқуқӣ бо фазои кории барҳавою замонавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

2. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ифтитоҳи бинои Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои олии касбӣ дастур дода буданд, ки ҳамаи донишгоҳҳо ва донишкадаҳо аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаранд ва мавқеи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро дар минтақа ва ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

Бо мақсади иҷрои ин дастуру супоришҳо ихтисоси 24010200-и факултети ҳуқуқшиносӣ соли 2023 аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуд.

Маросими супоридани сертификатҳо аз рӯйи натиҷаҳои аккредитатсияи байналмилалии барномаҳо 20 июни соли 2023 дар донишгоҳи Миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Шаҳодатномаҳо дар бораи гузаштани расмиети бақайдгирии байналмилалӣ барои 10 ихтисоси донишгоҳ (аз ҷумла ҳуқуқшиносӣ) ректори ДМТ профессор Қобилҷон Хушвахтзода аз ҷониби Директори Генералии агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг Алина Ҷумагулова дода шуд.

Ин дастоварди муҳими ДМТ ва факултети ҳуқуқшиносӣ на танҳо натиҷаи меҳнати софдилонаи тамоми кормандони донишгоҳ, балки намунаи олии банақшагирии стратегии раесати донишгоҳ ва устодону кормандони факултет мебошад.

3. Санаи 01.11.2023 бо дастгирӣ ва иқдоми роҳбарияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон толори маҷлиси судии таълимӣ ифтитоҳ гардид. Дар ифтитоҳи толори маҷлиси судии таълимӣ ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок доштанд.

4. Соли 2023 бо дастгирии роҳбарияти Донишгоҳи миллӣ ва ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ дар пояи факултети мазкур осорхона кушода шуд. Осорхонаи факултет дар утоқи барҳавою озода таъсис дода шудааст. Дар он дастовардҳои факултет дар тули солҳои фаъолияташ ҷамъоварӣ шудаанд. Он иборат аз таҷҳизоту воситаҳои техникии замонавӣ мебошад. Дар осорхонаи мазкур осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мукофоту дастовардҳое, ки факултет барои нақши фаъол доштанаш дар амалисозии сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат сарфароз шудааст, нигоҳдорӣ мешаванд.

5. Соли ҷорум аст, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо ташаббус ва сарпарастии Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад. Бояд гуфт, ки озмун ба тантанаи донишу маърифат табдил ёфта, тамоми қишрҳои ҷомеаи мамлакатро ба ҳам дӯсту муттаҳид мегардонад.

Имсол Тахирӣ Шукрона Тахир - донишҷӯи соли 3-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷойи 1-ум аз рӯи номинатсияи адабиёти муосири тоҷик ва ғолиби ШОҲҶОИЗА гардидааст;

Назарова Саёҳат Лутфуллоевна - донишҷӯи соли 3-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷойи 1-ум аз рӯи номинатсияи адабиёти ҷаҳон гардидааст;

Манижаи Баҳодур – магистранти соли якуми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷойи 1-ум аз рӯи номинатсияи адабиёти классик гардидааст;

Абдураҳмонова Маҳина Алишеровна - донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи (ихтисоси 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ) факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷойи дуюм дар ОЗМУНИ «ТОҶИКОН» – ОИНАИ ТАЪРИХИ МИЛЛАТ» гардидааст.

Мо бо чунин донишҷӯён мефахрем ва ба онҳо аҳсану офарин мегуем. Албатта устодони азизу арҷманд хизмати Шумо низ дар ин самт беназир аст.

5. Бори нахуст дар соли 2023 дар заминаи дастуру супоришҳои Раёсати ДМТ аз ҷониби омӯгорони факултет беш аз 50 дарсҳои видеоӣ сабт ва манзури хонандагон гардонида шуд.

6. Соли 2023 бо ташаббуси ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қобилҷон Хушвахтзода сафари ҳайати устодон ва кормандони факултет ба маҳали сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ташкил карда шуд.

Ҳайати устодону кормандони донишгоҳ, аз ҷумла факултети ҳуқуқшиносӣ бо роҳбарии ректори он Қобилҷон Хушвахтзода бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар иншооти асосии неругоҳ шинос шуда, бо сохтмончиёни ин иншооти бузурги гидроэнергетикии мамлакат аз наздик суҳбат намуданд.

7. Дар соли 2023 299 нафар хатмкунандагони шуъбаи рӯзонаи факултет ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шуданд.

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ корҳои таълим, тарбия ва илм аз ҷониби ёздаҳ кафедра ба роҳ монда шудаанд. Ҳамзамон аз рӯйи ихтисосҳои зерин дар факултет раванди таълим ба роҳ монда шудааст:

1. Шуъбаи рӯзона - ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 24010200);
2. Шуъбаи рӯзонаи ҳуқуқи байналхалқӣ (ихтисоси 24010100);
3. 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
4. 26010200 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
5. 24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз;
6. 93010200 - экспертизаи судӣ;
7. 24010217 - ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ;
8. 96010102-таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ;
9. Шуъбаи фосилавии умумӣ (ихтисоси 24010200);
10. Шуъбаи фосилавии идораи давлатӣ ва ҳуқуқ (ихтисоси 26010200);
11. Шуъбаи фосилавии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (ихтисоси 93010100);
12. Шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ (24010233).

## МАГИСТРАТУРА

1. Ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 24010210);
2. Ҳуқуқи байналхалқӣ (ихтисоси 240101);
3. Фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва муфаттишӣ (ихтисоси 24010213);
4. Идораи давлат ва ҳуқуқ;
5. Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
6. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;
7. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;
8. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
9. Санҷиши судӣ;
10. Танзими ҳуқуқии молия ва қарз.

Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 174 нафарро (28 нафар зан) ташкил медиҳад. Аз ин шумора 32 нафарашон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошанд, ки аз он 1 нафарашон Узви пайвастаи АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 25 - нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, 7- нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент аст. Дар соли ҳисоботӣ 83 - нафар номзадҳои илм (2-нафар профессор (1-нафар зан), 63 - нафар дотсент (10-нафар зан), 12 - нафар муаллими калон (4-нафар зан), 6 нафар ассистент (2-нафар зан)). Аз ин шумора 75 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 4 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ, (аз ин шумора 17 нафар зан), 17 нафар муаллими калон бе дараҷаи илмӣ (аз ин шумора 7- нафар зан) ва 42 нафар ассистент (5 нафар зан) мебошанд.

Аз 174 нафар шумораи устодони факултет, 115 нафари онҳо дорои дараҷаи илмӣ мебошанд, ки 66,47 % фоизро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора, докторони илм - 18,49 %, ва номзадони илм - 47,97 % (аз ҷумла - 9,82% зан).

## БАХШИ ТАЪЛИМ

Бахши таълим қисмати муҳим ва афзалиятноки факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар шуъбаи рӯзона 2290 донишҷӯ, дар шуъбаи ғоибонаю фосилавӣ 873 донишҷӯ, 252 магистр ва 50 докторанти PhD ба дар маҷмуъ 3465 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Аз ин миқдор дар гуррӯҳҳои буҷавӣ 1245 дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 2220 нафар дар гуруҳҳои шартномавӣ таҳсил мекунанд. Аз онҳо 2609 нафарашон духтар ва 856 нафарашон писар мебошад.

Соли 2023 дар факултети декани нав таъйин карда шуда, ҷойивазкунии кадрҳо сурат гирифт вка ба вазифаҳои муовинони декан ва мудирони кафедраҳо ҷавонони соҳибтаҷриба ва мутахассисон таъйин карда шуданд.

Нақшаи таълимии ихтисосҳои амалкунандаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пурра таҷдиди назар карда шуд.

Дар соли 2023, 45 нафар омузгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуданд.

Дар соли 2023 Шӯрои олимони факултет 12 маротиба ҷаласа доир намуд, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалии факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ин миён 11 ҷаласаи навбатӣ ва 1 ҷаласаи ғайринавбатӣ баргузор гардид. Дар маҷмӯъ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2023 77 масъалаи асосӣ мавриди баррасии аъзои Шӯрои олимон қарор гирифта, нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардидааст.

Дар соли ҳисоботӣ садорати васеи факултет 12 маротиба ҷаласа доир намуд, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълим, тарбия ва илм мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Дар маҷмӯъ дар ҷаласаҳои садорати васеи факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли тақвимии 2023 76 масъала мавриди баррасии аъзои садорати васеъ қарор гирифтааст.

Шӯрои илмию методии факултет, ки фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим бо тавсияҳои судманди методӣ, барномаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ, силлабусҳо, билетҳои имтиҳонӣ, саволномаҳои тестӣ, саволномаҳои санҷишӣ ҷоннок гардонида, матни лексияҳоро бознигарӣ ва таҷдиди назар намуда, дар маҷмӯъ баҳри боло рафтани мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ чораҳои мушаххас андешидааст. Дар соли ҳисоботӣ 12 дастури таълимию методӣ, 4 маҷмуаҳои барномаи таълимӣ, 168 барномаҳои кории устодон, 287 силлабусҳо, 110 саволномаҳои тестиро таҷдиди назар гардида, ба чоп тавсия шуд. Дар баробари ин 17 монография, 12 воситаи таълимӣ ва 4 китоби дарсӣ таҳлил шуда, ба Шӯрои илмию методии донишгоҳ тавсия карда шуданд. Бештари матни лексияҳои устодон бознигарӣ ва ба донишҷӯён матни электронии онҳо дастрас гардиданд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ пайваста баҳри таъмини хатмкунандагон ба ҷойи кори мувофиқ тадбирҳо андешида, ҳамкории худро дар ин самт бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ тақвият мебахшад.

Бо назардошти ин санаи 13.04.2023 аз ҷониби Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба унвонии 45 мақомоти соҳавӣ мактуб барои эҳтиёҷоти кадрӣ ирсол карда шуд, ки аз ҷониби 31 мақомоти мазкур мактуби ҷавобӣ дастрас гардид. Дар тақсимоти давлатӣ бошад намояндаи 26 мақомоти соҳавӣ иштирок намуданд.

Дар маҷмеъ кори комиссия хуб баргузор гардид ва дар натиҷаи кори комиссия зиёда 105 нафар хатмкунандагон ба макомоту сохторҳои муайян шуданд сафарбар карда шуданд.

## КОРҲОИ ИЛМӢ ТАҲҚИҚОТӢ

Соли хониши 2023 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад. Устодони факултет дар соли ҳисоботӣ

# ДАР СОЛИ 2023 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ СОЛИ 2024

бахри ичроиши корхои илмӣ–тахқиқотӣ ва омодасозии кадрхои баландихтисос дар сохаи хуқуқшиносӣ хиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Хамаи ин натичахои назаррас барои баланд бардоштани сифати таълим, такмили конунгузории амалкунанда ва рушди босуботи Точикистони азиз истифода хоханд шуд.

Сину соли омӯзгорони факултет дар мачмуъ 40.7 сола аз чумла мардон 40,6 сола ва занон бошад 43,8 соларо ташкил медиханд. Аз чумла,

Дар давоми соли хисоботӣ дар факултет 2 конференсияи байналмилалӣ, 8 конференсияи чумхуриявӣ, 1 мизи гирди чумхуриявӣ, 2 семинари илмӣ-назариявӣ ва 12 семинархои илмӣ-назариявии устодони чавони факултети хуқуқшиносӣ баргузор гардидааст.

Дигар аз самтхои фаъолияти илмӣ-тахқикотии омӯзгорони факултетро институти унвончӯӣ ва докторанти PhD ташкил медихад. Дар факултети хуқуқшиносӣ 107 нафар унвончӯӣ айни хол тахсил менамоянд. Хамзамон дар факултет 50 докторанти PhD тахсил менамоянд.

Яке аз дастовардхои беназир дар соли хисоботӣ ин фаъолияти Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018 ва 6D.KOA-019 дар назди Донишгохи миллии Точикистон мебошад. Боиси хушнудӣ аст, ки дар Шурохои зикргардида устодони факултет, аспирантон, унвончӯён ва докторантони PhD рисолахои докторӣ, номзадӣ ва доктор PhD-ии хешро химоя намудаанд.

Қобили зикр аст, ки дар дар соли хисоботи дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018 ва 6D.KOA-019 назди Донишгохи миллии Точикистон 58 рисола: аз ин шумора 10 рисолаи докторӣ, 47 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторанти PhD химоя гардидаанд. Метавон бо бовари комил кайд кард, ки соли 2023 фаъолияти Шурохои мазкур самарабахш буда, барои рушди илми хуқуқшиносии Чумхурии Точикистон накши муассири худро гузошта истодааст. Зиёда аз ин, дар Шӯрои диссертатсионие, ки дар заминаи факултети хуқуқшиносӣ таъсис дода шудааст нафарони зиёде рисолахои номзадии худро химоя намуданд.

Соли 2023 мархилаи 3-юми накшаи корхои илмӣ–тахқикотии солхои 2021–2025 ба шумор рафта, корхои илмӣ дар 11 кафедра аз рӯи 11 самт, 11 масоил ва 11 мавзӯъ мавриди баррасӣ карор дода шуданд. Равандхои илмии фаъолияти илмӣ–тахқикотии факултети хуқуқшиносӣ чунинанд:

Соли 2023 аз нигохи самарнокии корхои илмию тахқикотии омӯзгорон, яке аз солхои пурбарор ба хисоб меравад. Дар соли 2023 – 864 маводхои чопӣ ба нашр расонида шудааст. Аз ин шумора:

1. Монография – 31 аз чумла 2- монография дар хорича
2. Автореферат ва диссертатсияхо –54;
3. Китоби дарсӣ – 13;
4. Васоити таълимӣ – 23;
5. Дастури таълимию методӣ – 124;
6. Фишурда – нест;
7. Мақолаи илмию – оммавӣ 568;
8. Мачаллахои Scopus ва Web of Science - нест.

Соли 2023 дар факултети хуқуқшиносӣ 4 мачаллаи илмӣ – иттилоотии «Хаёти хуқуқӣ» (Правовая жизнь) тахти № 1, № 2, №3, №4 ва нашри 4 мачаллаи илмӣ–амалии «Давлатшиносӣ ва хуқуқи инсон» (Государствоведение и права человека) тахти №1, №2, №3, №4 аз чоп баромаданд. Дар шуморахои зикргардида мақолаи илмӣ, тафсир, такриз, ёддоштхои омӯзгорони факултет ва олимони барчастаи Федератсияи Россия, Чумхурии Қазоқистон, Чумхурии Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Олмон, Украина, Беллоруссия ва кормандони мақомоти хифзи хуқуқ ба табъ расидаанд. Дар баробари ин 12 шумораи мохномаи «Минбари хуқуқшинос» дар солхои хисоботии 2022-2023 аз чоп баромаданд, ки дар он зиёда аз 300 мақолахои омӯзгорон, кормандони сохахои гуногун, унвончӯён, докторантони PhD ва донишчӯёни факултет чоп гардидааст.

Қобили зикр аст, ки мачаллаи илмӣ – иттилоотии «Хаёти хуқуқӣ» ба Шохиси илмии такризшавандаи Россия аъзо буда, ба Фехристи мачаллахои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва тахсилоти олии Россия ва ба Фехристи мачаллахои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумхурии Точикистон ворид карда шудааст.

## БАХШИ ТАРБИЯ

Яке аз масъалахои мухимму зарурӣ дар баробари таълим, самти тарбия ба хисоб меравад. Дар факултети хуқуқшиносии ДМТ дар рӯхияи механшиносӣ, масъулиятшиносӣ ва эхтиром нисбат ба таърих, урфу одат, анъанахои миллӣ ва маданияти умумичахонӣ тарбия намудани донишчӯён самти мухимми корхои тарбиявӣ ба хисоб меравад.

Аз аввали соли 2023 тибки накша чорабинихои садорат ва бахши тарбияи факултети хуқуқшиносӣ як катор корхои ташкилию тарбиявӣ, фархангию фароғатӣ ва варзишӣ ба сомон расонида шуданд.

Дар факултет дар соли 2023 хамагӣ 3 – нафар донишчӯён тибки квотаи Президентӣ тахсил мекарданд, ки аз инхо 2 нафаршон дар соли 2023 донишгохро бо муваффақият хатм намуданд.

Дар соли хониши 2023-2024 то инчониб 5 маротиба 28.08.2022, 12.10.2023, 15.11.2023 ва 18.12.2023) ду чаласахои хурд ва 3 – маротиба чаласахои васеъи сарпарастон гузаронида шудааст, ки дар он хар як сарпараст аз фаъолияти худ хисоботи хаттӣ дода, дастурхои зарурӣ ба сарпарастон дода шуд. Зимнан таъкид бояд намуд, ки Шурои сарпарастони факултет бо бахши тарбияи факултет дар хамбастагӣ фаъолият намуда, дастур ва супоришхои мухимми Раёсат ва садорати факултетро тавассути сарпарастон амалӣ месозад.

Дар соли тахсили 2023 – 2024 то инчониб якчанд чаласахои падарону модарон дар санахои 01.09.2023, 21.10.2023, 02.12.23 ва дар санаи 16.12.2023, миёни донишчӯёни факултет бо иштироки декани факултет н.и.х., дотсент Мирзозода П.З., муовинони декан оид ба таълим Кабутов Э.Д. Қурбонов Қ.Б. Саломов И.И. ва муовинони декан оид ба тарбия Буриев А.Р. Негматов Б. Каримзода Д. Раиси Шурои сарпарастони факултет Исмонализода С.И. Раиси ассотсиатсияи волидайни факултет Абдулазизи А., ва сарпарастони гурухои академи инчунин падарону модарн баргузор намудем.

Бо максади риоя намудани коидахои тартиботи дохилӣ, таъмини раванди муътадили таълим ва тарбия, санчиши холати риояи либосхои тавсиявӣ ва давомоти мунтазами донишчӯён дар миёни курсхо санчиш гузаронида, дар якчоягӣ бо садорати факултет ва бахши тарбияи факултет нисбати холатхои манфии чойдошта чораандешӣ намуд.

Фаъолияти сарпарастони гурӯххои академӣ тибқӣ накшаи тасдиқ кардаи Раёсати тарбияи донишгох ба рох монда шудааст. Дар давраи хисоботи хушбахтона тамоми сарпарастони гурӯххои академӣ фаъолияти худро самаранок ба рох монда, дастуру супоришхои бахши тарбияро сари вакт ичро намуданд.

Фаъолияти Шурои бонувон. Мувофики нишондоди Шурои занони факултет, дар тахсилот зиёда аз 742 нафарро донишчудухтарон ва 45 нафари дигарро коргарон ташкил медиханд, ки аз онхо 12 нафарашон номзадхои илми хуқуқ ва педагогӣ ба шумор меравaнд.

Шӯрои сарпарастони факултети хуқуқшиносӣ дар соли тахсили 2023-2024 аз 57 нафар омӯзгорони факултети хуқуқшиносии ДМТ, иборат буда, аз чумла 32 нафар ассистент, 24 нафар н.и.х., дотсент иборат мебошад, ки дар чодаи таълим ва тарбия намудани мутахассисони сохибмаълумот фаъолият мекунанд. Дар факултет 89 гурӯхи академӣ амал менамояд.

Кумитаи иттифоки касабаи факултет аз 7 нафар аъзо иборат буда, аз муаллимони кафедрахои мухталифи факултет созмон дода шудааст. Дар назди бюро 4-то комиссияхои доимоамалкунанда амал мекунанд: 1. Комиссия оид ба ичтимоӣ, манзил ва бахсхои мехнатӣ; 2. Комиссия оид ба варзиш; 3. Комиссияи маданӣ – равшаннамоӣ; 4. Комиссия мухофизати мехнат ва техникаи бехатарӣ

Самти равобити байналмилалӣ ва хамкори бо мақомотхои давлатӣ. Бо максади ба амал баровардани хамкорихои дучониба факултети хуқуқшиносӣ бо мақомотхои хифзи хуқуқ, вазорату кумитахои давлатӣ, донишгоххо, марказхои илмию тахқикотии чумхурӣ ва хоричӣ алоқаи устувори илмиро ба рох мондааст. Аз чумла, имрӯз факултети хуқуқшиносӣ бо Прокуратураи генералии Чумхурии Точикистон, Суди Олии Чумхурии Точикистон, Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон, Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон, Вазорати маориф ва илми Чумхурии Точикистон, Комиссияи интихобот ва раъйпурсии Чумхурии Точикистон, Маркази миллии конунгузории назди Президенти Чумхурии Точикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва хуқуқи ба номи А.Баховаддинови Академияи илмхои Чумхурии Точикистон, Донишгохи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донишгохи давлатии дустии халкхои Федератсияи Россия, Донишгохи давлатии хуқуқи Москва ба номи О. Е. Кутафин, Донишгохи давлатии Санкт–Петербург, Мактаби олии иктисодии шахри Москва, Донишгохи миллии Қазоқистон, Донишгохи Бремен (Олмон), Донишгохи миллии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагина ва ғайра муносибати хуби илмиро доро мебошад.

Омӯзгорони факултет дар конференсияхои байналмилалӣ ва чумхуриявӣ иштирок намуда, дар мавзӯъхои гуногун баромад карданд.

Дар баробари пешравихо дар факултети хуқуқшиносӣ як катор мушкилиҳо чой доранд, аз ин рӯ вазифахои мо дар соли 2023 чунин аст:

## 1. ДАР САМТИ ТАЪЛИМ:

1.1. Боло бурдани накши кафедрахои амалкунандаи факултет дар самти истифодаи усулхои нави фаъол ва инноватсионӣ дар раванди таълим, боло бурдани сатхи сифати донишандӯзии донишчӯёну магистрон;

1.2. Омода намудани видео - дарсхои таълимӣ ва тачрибавӣ бо иштироки омӯзгорон ва донишчӯёну магистрони факултет;

1.3. Тақвият бахшидан ба низоми омода намудани мутахассисони сатхи байналмилалӣ дар асоси барномахои фардии таълимӣ ва фарогирии доираи васеи донишчӯёну магистрон;

1.4. Омода кардани китобхои дарсӣ, воситахои таълимӣ, дастурхои методӣ оид ба навиштани корхои курсӣ, рисолахои хатмкунӣ, дипломӣ, магистрӣ, тачрибаомӯзихо ва дигар маводи таълимӣ бо забонхои русӣ ва англисӣ

1.5. Истифода намудани технологияи муосир ва воситахои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим;

1.6. Ичрои босифати Накша-чорабинихо чихати бартараф намудани камбудихо ва эродхое, ки зимни вохурии ректори донишгох, профессор Хушвахтзода Қ.Х. санаи 30.09.2023 бо хайати омӯзгорон ва кормандони факултети хуқуқшиносӣ баён гардиданд.

1.7. Бартараф кардани эродхои аккредитатсияи байналмилалӣ

## 2. ДАР САМТИ ИЛМ:

2.1. Бахшида ба тачлили сазовори чашни 30-солагии Конститутсияи ЧТ ва 75 солагии таъсисёбии факултети азизамон омода намудани Тафсири илмию оммавии Конститутсия, инчунин баргузории Конференсияи илмию амалии байналмилалӣ

2.2. Андешидани чорахо бахри саривакт омода ва дифоъ намудани рисолахо барои дарёфти унвони илмии доктор ва номзади илми хуқуқшиносӣ. Ба максад мувофиқ аст, ки тавассуз ба омода намудани кадрхои дарачаи илмидошта дар риштахое, ки дар Точикистон нодиранд, нигаронида шавад;

2.3. Дар хамбастагӣ бо Вазорати маориф ва илми ЧТ ва Маркази барномахои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илми Чумхурии Точикистон барои ба аспирантура, докторантура ва посдокторантура (доктор хабилитарес) максаднок сафарбар намудани устодону кормандони факултет дар риштахои нодири ниёзманд;

2.4. Кушодани Шурои дифои Россиягӣ дар риштаи хуқуқшиносӣ;

2.5. Дарёфти роххо ва андешидани чорахо дар самти чопи мақолахои илмӣ дар мачаллахои Scopus ва Web of Sience;

2.6. Пайваста ба рох мондани мутолиаи маводи нави илмӣ, таълимӣ, методӣ, рӯзнома, мачалла, китобхои бадеӣ, оммавӣ, илмӣ ва назариявӣ аз чониби омӯзгорон;

2.7. Аъзогӣ ва воридшавии хар як устодони факултет ба портали eLIBRARY. RU ва чойгир намудани маводи бо забонхои русӣ чопшудаи омӯзгорон (китобхои дарсӣ, воситахои таълимӣ, авторефератхо, мақолахо)

## 3. ДАР САМТИ ТАРБИЯ:

3.1. Ба рох мондани хамкории судманд бо Ассотсиатсияи волидайни факултет;

3.2. Чонкок намудани фаъолияти комиссияи бахши танзими анъана ва чашну маросим дар факултет

3.3. Таъмини иштироки фаъолонаи чехрахои гуногуни факултет дар барномаи телевизиониву радио аз чумла солортарон;

3.4. ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии донишчӯёну магистрон;

3.5. дастгирии ташаббусхои донишчӯёну магистрон оид ба татбики самараноки сиёсати давлатии чавонон;

## 4. ДАР САМТИ РАВОБИТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

4.1. Тақвият бахшидан ба хамкорихои байнифакултетӣ ва байнидонишгохӣ дар сохаи таълимоти хуқуқшиносӣ ва омода намудани кадрхои баландихтисоси илмӣ дар муассисахои таълимӣ ва илмии хоричи кишвар, аз чумла бо давлатхои узви Иттиходи давлатхои муштаракулманофеъ, Созмони хамкорихои Шанхай, Асамблеяи байнипарлумонии давлатхои аъзои ИДМ, Иттиходи Аврупо.

4.2. Тақвияти хамкорӣ бо созмонхои байналмилалӣ ва ташкилотхои чамъиятӣ, дарёфти грантхо ва бурсияхо чихати пешбурди фаъолияти илмӣ-тахқикотӣ ва таълимӣ-методӣ.

4.3. Таъмини иштироки фаъолонаи устодон, донишчӯён ва магистрон дар чорабинихои сатхи байналмилалӣ.



Ш. МУМИНЗОДА
магистри соли 2

*Коррупсия яке аз зуҳуроти мураккаби ҷамъиятӣ буда, дар замонҳои қадим пайдо шуд ва то имрӯз қариб дар ҳамаи давлатҳо дар шаклҳои гуногун дида мешавад. Табиист, ки ин ҳодиса дар рафти раванди таърихӣ доимо тағйир меёбад ва дар баробари мураккаб шудани тартиботи сиёсӣ ва иқтисодӣ шаклҳои нави он ба миён меоянд. Аз ин сабаб яке аз проблемаҳои замони муосири кишвар - мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур вақтҳои охир дар матбуоти даврии мамлакат ва берун аз он бисёр фикру ақидаҳо пешкаш шудаанд.*



Манучеҳр СУЛАЙМОНЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ

# МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ – ҲАДАФИ СТРАТЕГИИ КИШВАР

Аммо пеш аз оне, ки дар бораи муқовимат бо коррупсия сухан ронем мо бояд муайян намоем, ки худи коррупсия чист ва чи оқибатҳоро ба бор оварда метавонад? Тавре, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сухаронихояшон зимни вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қайд намудаанд, ҳануз дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зарраррасонанда ва фурухтани мансаб маънидод карда шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳи мансаб ба манфиати шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал даст зада, дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд. Аз нигоҳи луғавӣ истилоҳи «коррупсия» аз калимаи лотинӣ «corruptio», ки бо маънохои «харидан, вайронкунӣ ва ришвадиҳӣ» фаҳмида мешавад. Дар робита ба ин, дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мафҳуми коррупсия чунин оварда шудааст:»Коррупсия - кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё кадркардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (харакат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ.

Бояд тазаккур дод, ки ин зуҳуроти номатлуб, ки боиси монеаи рушди давлат мегардад, ҷаҳонро ба барои пешгирии ин зуҳурот кишварҳо талош меварзанд. Барои пешгирӣ аз ҳама гуна ҷиноят чиноятҷорӣ ва муборизаи беамон бо коррупсия соли 2003 Конвенсияи СММ зидди коррупсия қабул карда шуд. Бо назардошти аҳамиятнокии масъалаи мазкур соли 2003 бо ташаббуси Маҷмааи кулли СММ - 9 декабр ҳамчун рузи мубориза бо коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардид. Ҷумҳурии



Тоҷикистон ба ҳуҷҷати мазкур 25 сентябри соли 2006 имзо гузошт ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардид. Аз ин лиҳоз тибқи муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкур, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст ва санади мазкур қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар буда, қонунҳои амалкунанда бояд мутобиқи талаботи он мувофиқ гардонида шаванд.

Дар муқаддимаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ба зидди коррупсия мушкилот ва таҳдидҳои коррупсия ба суботу амнияти ҷомеа, ки институтҳо ва арзишҳои демократӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва адолатро халалдор мекунанд ва ба рушди устувор ва волояти қонун зарар мерасонанд, мустаҳкам карда шудаанд. Дар баробари ин, падидаи номатлуб натанҳо мушкилоти маҳаллӣ, балки ба падидаи фаромиллӣ табдил ёфтааст, ки ба ҷомеа ва иқтисоди ҳама кишварҳо таъсир мерасонад.

Моҳияти коррупсия дар он ифода мегардад, ки вай тартиби муқарраршудаи фаъолияти дастгоҳи давлатиро вайрон месозад, ки дар натиҷа дигаргуншавии (деформатсияи) ҳокимият ба амал меояд. Яъне коррупсия маблағҳои калонҳаҷмро аз тараққиёти иҷтимоӣ дур карда, буҳрони буҷаро афзун менамояд ва ба иҷроиши барномаҳои давлатиро мушкил месозад. Аз ин лиҳоз дар ҷамъият ченаки ҳама чиз пул мешавад, аҳамияти инсон бо андозаи дороии шахси вай, новобаста аз шаклҳои ба даст овардани он баҳо дода мешавад, ин бошад боиси девалватсияи қоидаҳои ахлоқ, ҳуқуқҳои динӣ, афкори ҷамъият ва ғайра мегардад.

Дар баробари ин, оқибатҳои манфии коррупсия ба давлату миллат зарбаи ҷонкоҳ зада, дар натиҷаи он қонун бекудрат ва беамал гардида, дар шуури ҷамъият таассурот оид ба ҳимоянашаванда будани шаҳрванд ҳам дар назди ҳокимият ташаккул меёбад. Ҳамчунин, ин зуҳуроти номатлуб ба тақсимоти ноодилонаи сарватҳои ҷамъиятӣ ба манфиати гурӯҳҳои хурд аз ҳисоби табақаҳои таъхиршудаи аҳолӣ, бошиддат шудани ҷудошавии иҷтимоӣ ва нобаробарии иқтисодии аҳолӣ боис гардида, қашшоқ гаштани қисми зиёди аҳолӣ ва баланд гаштани шиддатнокии иҷтимоӣ дар давлат мусоидат мекунад.

Имрӯз мушкилоти коррупсия, рафъи зуҳуроти мухталиф ва муқовимат ба паҳншавии он, таҳия ва татбиқи амалии сиёсати самарабахши зиддикоррупсиониро барои тамоми кишварҳои олам тақозо намуда, иллати тамоми низоми идоракунии иҷтимоӣ тамоми кишварҳои олам гаштааст. Он ба низоми муносибатҳои ҷамъиятии дорои дараҷаҳои гуногуни фаъолият таъсир расонда, баъзан чунон мавқеъе пайдо мекунад, ки ба танзимгари ин муносибатҳо табдил ёфта, қонунро иваз менамояд ё дар баробари он амал намуда, пояҳои ҳокимияти давлатиро суст менамояд. Чунин кирдорҳои коррупсионӣ ҳокимияти давлатиро водор месозад, ки ба он муқовимат нишон дода, чиҳати решакан намудани он чораҳои дахлдорро роҳандозӣ намоянд. Дар баробари ин, мубориза бо коррупсия ба самти муҳимтарини ташаккули рушди устувори низоми идоракунии иҷтимоии ҳар як давлат мубаддал гаштааст.

Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои бозорӣ, яке аз вазифаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани сабабу омилҳои дастзании табақаҳои гуногуни ҷамъият ба ришвадиҳиву ришваситонӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи тадқиқоте, ки бо ташаббуси Маркази тадқиқи стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯи коррупсия, мавҷудият ва ё вокеят доштани ин амали зишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, аҳоли сабабҳои зиёди ба коррупсия мусоидаткунандаро номбар намуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои сödиршавии кирдорҳои коррупсионӣ гуногунанд, аз ҷумла таҳаммулпазирии аҳолӣ ба зуҳуроти коррупсия, паст будани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, мавҷудияти интихоби усулҳои рафтори шахси мансабдор, вақте ки метавонад масъалаи дар назди ӯ гузошташудаaro мусбат ва ҳам манфӣ ҳал намояд, аз ҷониби шаҳрванд надонистани ҳуқуқҳои худ, инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаи роҳбариро дар ташкилоти тиҷоратӣ ташкилоти дигар иҷро менамояд ва ғайра. Бинобар ин, барои осон намудани таҳлили сабабҳои ба ривоҷёбии коррупсия мусоидаткунанда, шартан онҳоро ба сабабҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву маданӣ ҷудо намудан мумкин аст.

**Идома дорад**



ГАЗИЕВА Ҳ.Х.
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ

*Мавзуи терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои мубрами давраи муосир ба шумор меравад. Мафҳуми терроризм дар қисми 1 моддаи 179- Кодекси ҷиноятӣ чунин дарҷ гардидааст: содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад агар ин кирдор бо мақсади ҳалалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, мавриди истифода қарор гирифтааст.*

# МАСЪАЛАИ ҲАЛТАЛАБИ МУОСИР - ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ТАҲДИД БА АМНИЯТИ ҶОМЕА ДАР ДАВРАИ МУОСИР





Қонунгузори амалкунандаи ҷиноятии ҶТ дар фасли 8-ум, ки ҷиноятҳо ба муқобили амният ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ ном гирифтааст, дар боби 21-ум, яъне ҷиноятҳо ба муқобили амниятӣ, инчунин дар фасли 13 ва 15 якчанд номгӯйи ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро пешбинӣ намудааст.

Мафҳуми экстремизм (ифротгароӣ) дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ) «аз 8-уми декабри соли 2003 муайян карда шудааст, ки тибқи он экстремизм ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба давлат ноороми, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳукумат ва аз худ намудани салоҳиятҳои он, ангезонидани нажодпарастӣ , миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ - мазҳабӣ мебошад.

Проблемаи васеи имрӯз падидаҳои номатлуби хатарноки иҷтимоӣ - сиёсӣ ва ҷиноятӣ мебошад, ки инъикосгари он терроризм ва экстремизм, инчунин шаклҳои он, амалҳои террористӣ дар заминаи ҷинояткорӣ, кирдори миллатгароӣ, ҷудоиандозӣ, экстремизми динӣ ба таҳдиди ҷаҳонии амният ва башар сурат мегирад. Ҳазорҳо таркишҳои террористӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҷой доштанд ва аксар мардум ҷабру ситам ва қурбон шудаанд. Як силсила кирдорҳои бемислу монанди террористӣ дар ҳудуди Фаронса, ИМА, Русия, Испания, Британияи Кабир, Ҳиндустон, Ироқ, Индонезия ва давлатҳои дигар рух додаанд аз охири солҳои 90-уми асри гузашта. Ин аз он далолат медиҳад, ки механизмҳои мубориза ва пешгирии терроризм дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба мақсад мутобиқ нест. Дар давраи ҳозира ҷораҳои муқовимат ба таркишҳои террористӣ вазифаи як кишвар набуда, балки дар ҳақиқат проблемаи ҷаҳонӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки терроризм на танҳо ба давлатҳои рушдкарда, балки ба кишварҳои тараққикардаистода таъсири манфӣ расонида, ба амнияти миллӣ таҳдиди бузург дорад.

Дар давраи муосир дар ҷаҳон тақрибан сад ташкилотҳои террористӣ вуҷуд дорад ва экстремизм шаклҳои мухталиф пайдо карда, таҳдиди васеъ дорад. Амалҳои террористӣ ба қурбониҳои зиёди одамон оварда мерасонад; арзишҳои моддӣ ва маънавиро коста мегардонад, байни миллатҳою давлатҳо ҷудоиандозию ҷангандозӣ мекунад. Ба падидаҳои манфии мазкур дар ҳама ҷой, ҷойҳои шабакаҳои иттилоотӣ дучор шудан мумкин аст, инчунин интернет. Маҳз бо ин васила ба созмонҳои ғайриқонунӣ аъзоёни нав ҷалб карда мешаванд. Гузашта аз ин роҳи қулай барои ҳамоҳангсозӣ, ҷиноятҳои содиршавандаи хислати экстремистӣ дошта, паҳн намудани ғояҳои терроризм ва экстремизм. Таҳдиди кирдорҳои номатлуб рохҳо, сарчашмаҳо боқӣ хоҳанд монд то он даме ки онҳо вуҷуд доранд. Истифода аз дин хеле зуд - зуд ба назар мерасад ҳамчун василаи ҷалбкунӣ барои тезутундгардонӣ зиддиятҳо байни динҳо ва (шиддатнокии муносибатҳо) равияҳо.

Пешгирии фаъолиятҳои террористӣ ва экстремистӣ дар худ омодагӣ ва амалишавӣ аз ҷониби давлат ва мақомоти салоҳиятдор низоми ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, тарбиявӣ, ташкилӣ, фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳуқуқӣ ҷораҳои махсус ва дигар, ки ба пешгирӣ, ошкоркунӣ, қатъу манъи фаъолияти террористӣ, кам карда-ни оқибатҳои он мукарраркунӣ ва бартарафсозии сабабҳо ва шартҳои он равона шудааст. Пешгирии экстремизм ва терроризм ин на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи намояндаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳам аст. Вазифаи мазкур аз мавқеи равшани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, шаҳрвандон бастагии зич дорад.

Экстремизм аз забони лотинӣ гирифташуда, маънояш канор мебошад. Ин майли шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, ташкилотҳо ба андешаҳои канорӣ, мавқеъ ва ҷораҳо дар фаъолияти ҷамъиятӣ. Ҳадафи он: ноустувор гардонӣ, шикастани арзишҳо, муносибатҳои ҷамъиятиро ба харобкорӣ бурдан аст. Чун дигар падида экстремизм дорои хислатҳои муайяни худ мебошад: зӯроварӣ; таҳдиди зӯроварӣ; яктарафа қабул кардани масъалаҳои ҳалталаб, фанатизм, беандеша иҷро кардани фармонҳои мухталиф; такя на ба ақлу зеҳн балки ҳиссиёти беназорат; хурофот, тоқатнопазирӣ, бесабрӣ мекунад. Террористон одамони бераҳму ҷоҳил буда, мехоҳанд бо ҳар роҳ моро тарсонанд, шахсоне, ки гаравгон мегиранд, дар ҷойҳои серодам таркиш ба амал меоранд, инчунин яроқу силоҳ истифода мекунанд. Се шакли терроризм дар даврaи муосир вуҷуд дорад: миллатгароӣ, динӣ ва сиёсӣ. Мафҳуми терроризм, террорист дар Фаронса дар охири асри 18 пайдо гардид.

Терроризм ҷинояти вазнин буда, ҳангоми гурӯҳи муташаккили одамон бо роҳи зӯроварӣ ба мақсади худ ноил гардидан мехоҳанд. Бештар мардуми бегуноҳ, аз он ҷумла кӯдакон қурбони терроризм мегарданд. Террор ин андохтани ваҳму тарс, фишор ба муқобилон, зӯроварии ҷисмонӣ, то ба несту нобуд кардани ҷисмонӣ бо роҳи содир кардани ҳатто кирдори зӯроварӣ аз қабили куштorҳо, таркишҳо ва гирифтани гаравгонон. Ҳамин тариқ, терроризм яке аз шаклҳои экстремизм ба ҳисоб меравад. Калимаи «террор» дар тарҷума аз забони лотинӣ маънои ваҳму бим ифода мекунад.

То ба имрӯз мафҳуми терроризм аллакай маънои як силсила аломатҳои зӯроварӣро ифода мекард. Фарҳангу луғатҳо вожаи «терроризм» - ро чун харакатҳои зӯроварӣ шахсони ҷиноятгор бо мақсади сарнагун кардани ҳукумати кунунӣ, мураккабсозии муносибатҳои байналмилалӣ, тамаъҷӯйӣ сиёсӣ ва иқтисодӣ аз давлатҳо, иборатанд.

# КОРРУПСИЯ ВА ОҚИБАТҲОИ НОМАТЛУБИ ОН



Зафар ЁРЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва истифодаи сарватҳои табиӣ

Коррупсия ҳамчун падидаи номатлуб, таъсири манфии худро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки тамоми меъёрҳои иҷтимоӣ аз қабили меъёрҳои ҳуқуқӣ, динӣ ва ахлоқӣ коррупсияро маҳкум менамоянд. Бояд қайд намуд, ҳар як шахси равшанфикр, худогоҳ ва меҳандӯст бояд бо ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа, бо тамоми усулҳои муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза барад. Коррупсия метавонад дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо шаклҳои гуногун зуҳур кунад, ки ин ҳолат усулҳои илман асоснок ва таҷрибашударо барои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб тақозо менамояд. Қобили қайд аст, ки дар шароити имрӯза заминаҳои ҳуқуқӣ барои мубориза бо ин зуҳурот ба монанди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуии миллӣ ва байналмилалӣ мавҷуд аст, ки имконияти мубориза бо ин зуҳуротро аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон фарроҳ менамояд. Вале новобаста ба ин, зуҳуроти мазкур дар ҷомеаи имрӯза вуҷуд дошта, ба таври густурда паҳн шуда, таъсири манфии худро ба пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ расонида истодааст. Аз ин рӯ барои решакан кардани коррупсия на танҳо ниҳодҳои ваколатдори давлатӣ, балки шаҳрвандон низ бояд иштироки фаъол дошта бошанд.




Бояд қайд намуд, ки яке аз усулҳои муҳимми мубориза бо коррупсия ин баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ аҳолӣ мебошад. Чунки бо ин роҳ метавон дар зеҳни шаҳрвандон ҳисси мубориза ба ин зуҳуроти номатлубро бедор намуд ва ин барои саҳмгузории шаҳрвандон барои аз байн бурдани коррупсия мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ корупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуб як қатор оқибатҳои манфиро ба миён меорад: Якум ба пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат монеа эҷод менамояд. Яъне бо сатҳи баланди коррупсия сохтани фазои хуби иқтисодӣ ва сиёсӣ дар дилхоҳ кишвар ғайри имкон мебошад. Дуюм коррупсия шароити мусоиди амалишавии босамари ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз байн мебарад. Воқеан дар ҷомеае, ки ҳама кишрҳои онро коррупсия фаро гирифтааст, ҳуқуқи инсон дар он ҷомеа ба таври даҳдор амалӣ намешавад. Сеюм оқибати ногувори коррупсия ин коста шудани боварии мардум нисбат ҳукумат мебошад. Бояд қайд намуд, ки боварии мардум нисбат ба ҳукумат ин василаи асоси мустаҳкам намудани иқтидори иқтисодӣ, мудофиавӣ ва таъмини пешрафти ҳар давлат ба ҳисоб меравад. Чаҳорум коррупсия боиси пушида мондани истеъдодҳо мегардад. Яъне маҳз омилҳои коррупсионӣ монеаи аз худ дарак додани истеъдодҳо дар дилхоҳ соҳа мегардад. Панҷум, коррупсия омили асоси афзоиши ҳуқуқвайронкунӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад. Яъне бо воситаи коррупсия рӯйпуш намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонида, боиси зиёд гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо мегардад.

Ҳамин тариқ, таъсири манфӣ ва зарари коррупсия аз дигар падидаҳои ҷиноятӣ аз қабили терроризм ва экстремизм кам нестанд. Аз ин хотир моро мебояд, ки ба ин зуҳурот ба тариқи муташаккилона мубориза бурда, ташвиқ ва тарғибро низ бар муқобили он ба таври густурда ба роҳ монем.

# ПРЕЗУМПЦИЯ НЕВИНОВНОСТИ
## (принцип который мы не можем позволить утратить)



Мадина ХАЛИМОВА
студентка 3-курса

*Презумпция невиновности является гарантией защиты человека от произвольного задержания и незаконного ареста. Она призвана обеспечить равномерное распределение правосудия и защиту принципов закона в рамках правового государства. Благодаря этому принципу, человек не подвергается неоправданным унижениям и преследованиям, а также имеет возможность эффективно защищать свои права в суде.*



Принцип презумпции невиновности в Республике Таджикистан был закреплен на высшем законодательном уровне — в ч. 1 ст. 20 Конституции Республики Таджикистан от 06 ноября 1994 г.: «Никто не считается виновным в совершении преступления до вступления приговора суда в законную силу». Значение принципа презумпции невиновности заключается и в том, что она является фундаментом тех правовых гарантий, которыми охраняется право обвиняемого на защиту. Это обусловливает диалектическую взаимосвязь между презумпцией невиновности и правом обвиняемого на защиту.

Презумпция невиновности как один из важнейших общеправовых принципов в истории уголовного судопроизводства впервые была объявлена в Декларации прав человека и гражданина в 1789 г.: «Каждый человек, обвиняемый в совершении преступления, считается невиновным, пока его вина не будет установлена по суду».

Источником содержания принципа презумпции невиновности в современном понимании и основой ее дефиниции в национальных законодательствах большинства государств является Всеобщая декларация прав человека, принятая 10 декабря 1948 года. В данном документе указаны содержание и сущность рассматриваемого принципа: «Каждый человек, обвиняемый в совершении преступления, имеет право считаться невиновным до тех пор, пока его виновность не будет установлена законным порядком путем гласного судебного разбирательства, при котором ему обеспечивают-ся все возможности для защиты»— что отражает не только объективное положение лица в уголовном судопроизводстве («лицо считается невиновным»), но и субъективное право обвиняемого самому определять, считаться ему невиновным или нет. В статье 15 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан (от 03 декабря 2009 года) принцип презумпции невиновности указан как принцип осуществления правосудия, законодательный принцип уголовного процесса, который распространяется на деятельность правоохранительных органов, расследующих и разрешающих уголовные дела.

Принцип презумпции невиновности не является выражением субъективной позиции лиц, ведущих расследование, а представляет собой объективное правовое положение, закрепленное на высшем законодательном уровне. Принцип презумпции невиновности не запрещает лицу, осуществляющему расследование, изобличать подозреваемого, обвиняемого, доказывать его виновность, но не позволяет объявлять подозреваемого (обвиняемого) виновным и поступать с ним как с преступником до вступления в законную силу обвинительного приговора суда.

В заключение хочется отметить, что презумпция невиновности является основополагающим принципом, которому следует придерживаться в сфере правосудия. Она гарантирует защиту прав и свобод каждого человека и обеспечивает справедливость в рамках правового государства. Укрепление и соблюдение этого принципа в международных стандартах и правовых актах Республики Таджикистан является важным фактором в установлении прочных основ правового государства и налаживании доверительных отношений между гражданами и правительством.